# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, пешниҳод шудааст**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Алиев И.И. фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубрамияти бештарро пайдо намудааст. Дар ҷомеае, ки инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ босуръат идома дорад, нақши институтҳои ҳуқуқӣ рӯз то рӯз меафзоянд. Яке аз чунин институтҳои ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад. Аммо, институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ бе функсияҳои он, татбиқу амалисозии онҳо ҳамчун институти мукаммал буда наметавонад. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқу баррасии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳарчанд масъалаи нав набошад ҳам, вале онро масъалаи пурра ҳалёфта гуфтан ғайриимкон мебошад. Зеро то кунун ҷанбаҳои алоҳидаи назариявию амалии масоили мазкур ба пуррагӣ мавриди таҳқиқоти илмии комплексӣ қарор нагирифтааст.

Бояд тазаккур дод, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ҳама давру замони фаъолияти инсонияту давлатдорӣ падидаи муҳими ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардид ва то инҷониб мубрамияти худро гум накардааст. Махсусан, дар ҷомеае, ки муносибатҳои иқтисодӣ босуръат мавриди тағйирёбӣ қарор мегирад, он боиси ба вуҷуд омадани баъзе мушкилиҳо дар риоя ва иҷрои меъёрҳои ҳуқуқӣ мегардад. Чунин ҳолат боиси содир шудани ҳуқуқвайронкуниҳо гардида, институти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро боз ҳам мубрам намуда, таҳқиқоти алоҳидаро дар ин самт тақозо менамояд.

Мубрамияти таҳқиқи масъалаи мазкур ҳамзамон дар он ифода меёбад, ки маҳз дар натиҷаи мавҷудият ва амалисозии функсияҳои он институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ мукаммал мегардад. Агар функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ карда нашаванд, пас мақсади ҷавобгарӣ низ амалӣ намегардад ва институти мазкур аҳаммияти худро гум менамояд. Бинобар ин, амалисозии функсияҳои ҷавобгарӣ аз як нигоҳ иҷро

намудани институти ҷавобгариро ифода менамояд. Масалан, агар функсияи пешгирӣ ҳангоми татбиқи ҷавобгарӣ иҷро нагардад, пас татбиқи чунин намуди ҷавобгарӣ самаранок нахоҳад буд, балки аз мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ берун мемонад.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи мазкур аз аҳамият холӣ набуда, баҳри такмили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқи назариявӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ ниҳоят мубрам мебошад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври фаррох истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, таҳти №16 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 2 воситаи таълимӣ, 18 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Алиев И.И. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Алиев И.И. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Алиев Исмоил Исмонович дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоқикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Раҷабзода Равшан Муҳитдин - *доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ*, дотсент, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон;

- Холинова Мижгона Муборакшоевна - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия – муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**аъзои Шӯрои диссертатсионӣ** **Зоир Ҷ.М.**

**Аъзои комиссия:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**
**аъзои Шӯрои диссертатсионӣ** **Назаров А.Қ.**

**Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва**
**ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ДМТ** **Саъдизода Ҷ.**

09.01.24